## Тақризи

муқаррризи расмӣ, доктори илмҳои фалсафӣ, дотсент Атоев Атоулло Мухтарович ба диссертатсияи Ниёзӣ Ёрмаҳмад Бобо дар мавзӯи “Таснифоти илм дар фалсафаи машшоияи шарқӣ ва таъсири он дар таснифоти муосири илм” барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои фалсафа аз рӯи ихтисоси 09.00.03.-таърихи фалсафа

Мавзӯи тадқиқотии Ниёзӣ Ёрмаҳмад Бобо ба яке аз мавзӯҳои мубрам ва ҳассос дар таърихи фалсафа бахшида шудааст. . Таҳлили масъалаи таснифоти илм дар таърихи фалсафа аз замонҳои қадим, то ҳанӯз идома дошта, меъёрҳои таснифоти он дар марҳилаҳои гуногуни таърихӣ вижагиҳои ба худ хосро дорад. Дар асоси пажӯҳишҳои муҳаққиқони муосир метавон гуфт, ки илм бо тарзу усулҳои гуногун тасниф шудааст ва он омилҳои зиёду мушкилоти бисёреро дар бар мегирад. Омӯзишу баррасии таҳқиқи ин мушкилот ба равишҳои гуногун ва бо такя ба марҳилаҳои инкишофи илм ва афкори фалсафӣ мубрам ва муҳим мебошад.

Зимни таснифоти илм файласуфони асримиёнагии тоҷик, махсусан машшоиёни шарқӣ,муқоисаи байни илмҳои гуногунро пеш аз ҳама дар асоси усулҳои мантиқӣ таҳлилу баррасӣ кардаанд, ки то ба имрӯз ин меъёр дар методологияи пажӯҳишҳои илмӣ мавриди истифода мебошад. Мактаби машшоияи шарқӣ дар таърихи фалсафаи ҷаҳонӣ ва махсусан дар таърихи фалсафаи асримиёнагии тоҷик аввалин таълимотест, ки бевосита дар масъалаи тасниfи илмҳо як қатор таҳқиқот анҷом додаанд.

Яке аз намояндагони барҷастаи ин мактаб Абунасри Форобӣ, ки унвони ифтихории “муаллими сонӣ”-ро дорад, китоберо бо номи «Иҳсо ал-улум» таълиф кардааст, ки дар он аввалин усулу методҳои таснифоти илмро дар асоси пайванди мантиқию мавзуии илмҳо тақсимбандӣ кардааст, ки то ба ҳол арзиши худро, чи дар Шарқ ва чи дар Ғарб, аз даст надодааст. Ин таснифоти илм то асри XX дар кишварҳои Шарқи Наздик ва Миёна манбаи асосии таснифи илмҳо буд.

Муллиф қайд менамояд, ки таҳқиқу пажӯҳиши таснифоти илм ба муҳаққиқони асрҳои миёна замина фароҳам овард, то ба дарки ҳамаҷонибаи илмҳои асримиёнагӣ даст ёфта, аз раванди ташаккули илмҳо бархурдор гарданд. Ва инчунин, таҳқиқи масъалаи таснифоти илмҳо дар мактаби машшоияи шарқӣ ва таснифоти минбаъдаи донишмандони асримиёнагии тоҷик барои дарки моҳияти навъҳои гуногуни таснифоти илмҳое, ки дар асрҳои баъдина дар фалсафаи Шарқу Ғарб сурат гирифт, аҳамияти муҳими таърихӣ, мантиқӣ ва методологӣ дорад.

Нуқтаҳои асосӣ, ки муаллифи рисола барои ҳимоя пешниҳод менамояд, нуктаҳои зерин нақши муҳим доранд - Таҳлилу таҷзияи илмҳои амалии асосгузорони мактаби машшоияи шарқӣ нишон медиҳад, ки мадинаи фозила (ормоншаҳр) –и Абунасри Форобӣ дар назари Ибни Сино (тахайюл) утопия асту бас. Ӯ мадинаи воқеъиро пешниҳод менамояд, ки дар асоси қонунҳое, ки барои такомули инсон ва беҳтар намудани муносибатҳои иҷтимоии он матраҳ шудааст. Ибни Сино тобеъ будан ба расму оинҳои динӣ ва ҳисси масъулият дар муқобили қавонини мавҷудаи мадинаи фозила ё худ одила назари хешро ироа мекунад.

Аҳкоми динӣ дар асрҳои миёна муносибатҳои иҷтимоие ҳастанд, ки ба онҳо Ибни Сино дар муомилот, ҷазодиҳӣ ва оиладорӣ, талоқ ва таҳрими баъзе синоат ва вилояти халифа, ки бар қонунҳои шариати исломӣ таҳким ёфтаанд, марҷаият додааст. Чунин тақсимбандӣ ба Ибни Сино хос буда, дар назарияи Афлотун, Арасту ва Абунасри Форобӣ дида намешавад.

Зимни пажӯҳиш таснифоти машшоиёни баъдина нишон дод, ки Ибни Рушд, Насириддини Тусӣ, Қутбиддуни Шерозӣ ва дигарон аз Абунасри Форобӣ ва Ибни Сино пайравӣ карда, далелҳои бештареро бинобар талаботи замонаи худ методологияи таснифоти илм илова кардаанд.

Дар баробари ин тақсимбандиҳо таснифоти дигари илм низ буданд, ки то солҳои бистуми асри бист идома пайдо карданд. Бо ворид шудани таълимоти марксистӣ дар минтақаи Осиёи Марказӣ ин тақсимот сарфи назар шудааст. Баъди аз байн рафтани Иттиҳоди Шуравӣ зарурати аз нав таҳқиқ

кардани он ба вуҷуд омад. Дар рисолаи хеш мо маҳз ҳамин масъаларо мавриди таҳқиқи ҳамаҷониба қарор додаем.

Саҳми шахсии муаллиф дар он аст, ки ӯ бевосита мавзӯи «Таснифоти илм дар фалсафаи машшоияи шарқӣ ва мақоми он дар таснифоти муосири илм» дар таърихи фалсафаи тоҷик аввалин маротиба ба таври нисбатан густарда мавриди таҳқиқ қарор дода, мақоми онро дар таснифоти муосири илмҳо муайян кардааст. Муҳаққиқ дар таҳия ва тарҷумаи осори Ибни Сино бевосита иштирок карда, китобу мақолаҳои зиёде дар ин маврид ба чоп расонидааст.

Диссертатсия аз муқаддима, се боб, нуҳ зербоб, хулоса ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат аст. Ҳаҷми умумии рисола 301 саҳифаро ташкил медиҳад.

**Боби 1. “Сарчашмаҳои ғоявӣ ва назариявии таснифоти илм дар фалсафаи асрҳои миёнаи тоҷик” – аз се зербоб иборат аст.**

**Дар зербоби 1. “Асосҳои методологии назарияи таснифоти илм: ҷанбаи таърихӣ ва муосир”-** муаллиф кайд мекунад, ки илм ҳамчун фаъолияти фарҳангии инсон ва суннати фарҳангии муайян, таҳлили қонуниятҳои таҳаввули тафаккур, муайянкунандаи сатҳи фаҳмиши илмӣ ва истифодаи хушбинии дурнамои ҷустуҷӯи башарият ва дигар мушкилоти пешбинишударо мавриди омӯзиш қарор медиҳад.

Дар баробари ин назарияҳои илмӣ ва усулҳои нави таҳқиқ, таснифоти илм низ яке аз мушкилоти мубрами фалсафаи илм боқӣ мондааст. Аз ибтидои пайдоиши илм дар фалсафа, таҳлили муқоисавии ҳамаи илмҳо ва ба як низом даровардани онҳо мавриди таҳқиқ қарор дошт. Аз ин сабаб мушкилоти таснифоти илм дар ҳамаи давру замонҳо аз мушкилоти фалсафа буда ва хоҳад монд.

Муаллифи рисола қайд менамояд, ки ҳамин тариқ аз ибтидои пайдоиши илм дар баробари фалсафа, таҳлили муқоисавии ҳамаи илмҳо ва ба як низом даровардани онҳо мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст.Илм гарчанде

шаклҳо ва навъҳои гуногунро соҳиб аст, лекин моҳиятан ягонагӣ ва ваҳдатеро дар худ дорад.

Дар таснифи илм муқоисаи байни илмҳои гуногун аз рӯи моҳият, ва метод мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Аз ин рӯ, чунин таҳлилро ба ғайр аз фалсафа дигар илме наметавонад мавриди омӯзиш қарор диҳад. Яке аз хусусиятҳои тамоми таснифоти илм ин робитаи байни илмҳоро муайян сохтан аст, ки ягонагӣ ва низомеро ба вуҷуд меоварад. Принсипи ягона он аст, ки бояд зиддияти таркибҳо дар робитаи байниҳамдигарии илм набошад.

**Дар зербоби 2. “Сарчашмаҳои назариявии таснифоти илм дар таълимоти фалсафии асрҳои миёна”-** ба ақидаи муаллиф таснифи илм яке аз масоили муҳимми таърихи фалсафа мебошад, ки дар заминаи ташаккули мафҳумҳо, категорияҳо ва усулу равишҳо ҷанбаву ҷиҳатҳои илмӣ ташаккул ёфтааст. Мафҳумҳо ва назарияҳои илм аввалин унсури таснифи илм ба шумор рафта, дар фарҳангҳои гуногун ба равишҳои мухталиф ташаккул ёфтааст. Яке аз заминаҳои ташаккули илм ин Юнони бостон мебошад. Гарчанде дар фарҳангҳои дигар дар низоми мифологӣ ва динҳо ин раванди ташаккули илмӣ вуҷуд дошт, лекин дар фалсафаи Юнон тартиби мантиқии донишҳо шакл гирифтааст. Идеяи комили таркиби мантиқии донишҳо ва мувофиқати онҳо ба воқеияти тартиби физикии олам низ дар ин фалсафа ба вуҷуд омада, байни илм ва фалсафа дар маъно фарқияте вуҷуд надоштааст.

Диссертант кайд мекунад, ки донишҳои илмию фалсафӣ дар Рими қадим бештар ҷанбаи ахлоқӣ - амалӣ доштанд. Ҷанбаи амалии донишҳо ба он оварда мерасонад, ки фарқияте байни санъат ва маҳорат, маҳкумот ва риояи қоида ё тартиботи муайян, таълимот ва илм намемонад. Мавқеи муҳимро дар омӯзишу парвариш дар Рими қадим бештар мактаби суханварӣ дорад ва мавқеи илмҳои дақиқ, мисли математика, физика ва астрономия маҳдуд мебошад.

Муаллиф хулоса менамояд, ки дар фарҳанги Рими қадим бештар таснифи илм ҷанбаи фаъолиятҳои амалии инсонҳоро фаро мегирад ва аз

меъёри таснифи илм бештар фаъолиятҳои илмӣ - амалии инсон аст. Дар фарҳанги Юнони қадим заминаи асосии ҷаҳонбинии илмӣ ташаккул ёфт. Махсусан, аввалин фаҳмишҳои дурусти воқеъият дар шакли мафҳумҳо ва категорияҳои фалсафӣ аз тарафи файласуфони Юнони қадим ба вуҷуд омад.

**Дар зербоби 3. "Ташаккули заминаҳои назариявии таснифоти илм дар фалсафаи қадим ва асрҳои миёнаи тоҷик"-** ба ақидаи диссертант яке аз масоиле, ки дар таснифи илм бисёр муҳим башумор меравад, ин даврабандии таърихи пайдоиш ва марҳилаҳои фалсафа ва илмҳо мебошад. Дар ҳар фарҳанг ин даврабандӣ ба тарзҳои гуногун сурат мегирад. Дар фарҳанги тоҷик низ даврабандии таърихи фалсафа ва илм дар китоби «Таърихи фалсафаи тоҷик» ба се давра тақсимбандӣ шудааст. 1) Афкори фалсафаи давраи бостонии тоҷик (тозардуштӣ, зардуштӣ ва баъдизардуштӣ) (монавию маздакӣ); 2) Афкори фалсафаи Эронзамин дар аҳди ислом; 3) Фалсафаи муосир».

Фарҳанги қадимии тоҷик мисли дигар фарҳангҳои ҷаҳон ба ду воқеият рӯ ба рӯ ҳаст. Яке фарҳанги устуравӣ (мифологӣ), дигаре фарҳанги таърихӣ – ҳисобӣ аст.

Муаллиф таъкид менамояд, ки баъди тақсимоти илмҳо аз тарафи Арасту, дар фалсафаи Шарқ Абунасри Форобӣ нахустин файласуфе буд, ки системаи тақсимоти илмии Арастуро боз ҳам такмил дод, шохаҳои он вобаста ба тараққиёти илмҳои назарию амалӣ зиёдтар ва гуногунтар гардид.

Ба ақидаи диссертант Абунасри Форобӣ маҷмӯи дониш ва фанҳои гуногунро на ба номи фалсафа, балки ба истилои "илм-ул-улум" зикр намудааст ва илмҳоро ба чор бахш ҷудо мекунанд: 1. Илми забон:2. Илми мантиқ, 3.Илмҳои таълимие, ки ба чор шоха ҷудо мешавад: ҳисоб, ҳандаса, нуҷум, мусиқӣ:4.Илмҳои табиӣ, ки аз ҳашт фасл иборат аст, аз ҷумла илми аҷсом – ҷисмҳои табиӣ, илми маодин (маъданҳо), илми наботот, илми ҳайвонот ва ғайра. Маҷмӯи ин илмҳо бо қисмати физикаи фалсафаи Арасту мутобиқ аст, аммо Форобӣ доираи ин илмҳоро хеле васеъ ва навъҳои он илмҳоро бештар таҳқиқ кардааст. 5.Илми илоҳӣ, ки аз се қисмат иборат аст:

а) Илми мавҷудот, яъне назарияи пайдоиши мавҷудот, б) илми назарияи муқаддимавии фанҳои табиӣ, риёзӣ ва мантиқ, в) илми мавҷудоте, ки ҷинсият надорад, ки маҷмӯи ин илмҳо ба қисмати метафизикаи Арасту мутобиқҳастанд. 6. Илмҳои маданӣ, ки иборат аз таҳқиқи асосҳои сиёсати давлатдорӣ ва идораи мамлакат.7. Илми фиқҳ, ки муайян намудани ҳуқуқ ва ҳудуди ақидаҳои дини ислом. 8. Илми калом – фалсафаи дини Ислом ё схоластикаи ислом.

**Боби II: "Назарияи таснифоти илм дар фалсафаиАбунасри Форобӣ ва Ибни Сино"- инчунин аз се зербоб иборат мебошад.**

**Зербоби1. " Асосҳои методологии таҳлили назарияи таснифоти илм дар фалсафаи Абунасри Форобӣ ва Ибни Сино"-** муаллиф қайд мекунад, ки усулҳои маърифати илмии олам дар таърихи фалсафа ба якчанд маънӣ фаҳмида мешавад. Аввалан, ба маънии маҳдуд ва соддалавҳона, дар мисоли файласуфони бостонӣ, нисбатан васеъ дар мисоли файласуфони сахоластикӣ ё мадрасӣ ва васеътар, дар мисоли фаҳмиши плюралистии муосири манзараи олам, яъне ҷараёнҳои гуногуни фалсафии муосир. Ин он маъниро дорад, ки маърифати олам ҳамчун силсила пайи ҳам дар пайвастагӣ аз гузашта, то ба имрӯз идома дорад. Ҳамзамон ин силсила дар ҳадди фалсафаи уло (куллӣ) таваққуф накарда, балки дар зоти фалсафаи уло нуфуз мекунад. Яъне мабодии илмҳо дар мартабаҳо ҷой дошта, якеш ба дигараш пешӣ дорад ва баъзеаш ба баъзеи дигарашро мартабаи поинро дошта, оламро мавриди омӯзиш қарор медиҳад, то ба фаҳмиши дурусту ҳақиқии олам даст ёбад.

Муҳаққиқ хулоса менамояд, ки равиш ё усули маърифати олам дар асрҳои миёна дар заминаи омӯзиши мантиқ ташаккул ёфтааст. Илми мантиқ ҳамчун илм дар мактаби машшоиёни шарқӣ барои ба даст овардани яқин хидмат мекард, яъне равиши ба даст овардани дониши воқеъиро аз ғайривоқеӣ ё илмию ғайриилмиро муайян мекард.

Илми мантиқ дар ин мактаб низ муштаракот ва фарқияти байни илмҳоро муайян карда, усулҳои диференсатсионӣ ва интегратсиониро матраҳ месозад. Илмҳо дар мактаби машшоияи шарқӣ дар асоси муштаракот ва

фарқияти мабодӣ, мавзӯъ ва масъалаҳо аз ҳам ҷудо (дифференсатсия) ва ба ҳам (интегратсия) меоянд. Илми куллӣ дар фалсафаи асрҳои миёна ба ҳам оварандаи тамоми илмҳоро фаро мегирад, ки дар асоси муштаракоти мавзӯъ, мабодӣ ва масъалагузорӣ интегратсияи илм ташаккул меёбанд ва дар асоси фарқияти мавзӯъ, мабодӣ ва масъалагузорӣ диференсатсияи илм ба вуҷуд меояд.

**Зербоби 2. "Тартиб ва вазифаҳои илмҳои назарӣ ва амалӣ дар фалсафаи Абунасри Форобӣ ва Ибни Сино: Таркиби илмҳои назарӣ; а) физика: б) математика; в) Мобаъд-ут-табиа"-** муаллиф қайд мекунад, ки дар фаҳмиши Ибн Сино ҳикмат ва илм як маъно доранд, гарчанде Форобӣ, чи хеле ки дар боло зикр кардем, онҳоро аз ҳам фарқ мекунад. Ибни Сино баъди он, ки улум ва фалсафаро ба ду қисм тақсим мекунад (ҳикмати назарӣ ва амалӣ) ҳар яке аз ин бахшҳоро ба зербахшҳо ҷудо мекунад.

Дар ин бахш баррасӣ аз тақсимоти илмҳои таълимӣ ва табиие, ки Абунасри Форобӣ матраҳ кардааст ва Ибни Сино онро ба бахши улуми назарӣ вобаста медонад,оғоз мешавад.

Ба ақидаи муаллиф улуми таълимӣ дар таснифи Абунасри Форобӣ ба ҳафт бахши бузург тақсим мешавад, ки Ибни Сино низ дар ин мавридҳо рисолаҳо ва бахшҳои алоҳидаи китобҳои худро дар «Китоб-уш-Шифо» ва «Китоб-ун-Наҷот» бахшидааст, аммо мисли Абунасри Форобӣ дар тақсимоти улум, улуми таълимиро ба таври алоҳида наовардааст. Абунасри Форобӣ бошад, ба таври алоҳида ва мухтасар дар рисолаи «Иҳсо ал – улум» масоили ин улумро оварда, бахшбандӣ кардааст.

Диссертант қайд мекунад, ки Абӯнасри Форобӣ ва Ибни Сино баъди улуми таълимие, ки дар асоси илми риёзӣ бунёд мегардад, ба тақсими улуми табиӣ мепардозад. Илми табиӣ дар бораи ҷисмҳои табиӣ ва аразҳо (сифатҳо) ба мутолиа мепардозад ва ашёеро муаррифӣ мекунад, ки аразҳои ин аҷсом аз онҳо ё ба василаи онҳо эҷод мешаванд.

**Зербоби 3. "Таркиби илмҳои амалӣ: а) ахлоқ; б) оиладорӣ; в) шаҳрдорӣ"-** муаллиф қайд мекунад, ки Абӯнасри Форобӣ дар улуми амалӣ

низ пеш аз Ибни Сино ба тафсил илмҳои амалиро баррасӣ карда, ҳам дар «Иҳсо ал-улум» ва ҳам дар дигар рисолаҳояш ин масоилро матраҳ мекунад.

Диссертант хулоса менамояд, ки масоили асосие, ки Абунасри Форобӣ дар асари худ матраҳ кардааст, ки заминаи асосии илми ҷомеашиносӣ ва сиёсатшиносӣ дар фарҳанги мо шудааст ва аввалин касе, ки баъди Форобӣ ин таълимотро пайгирӣ карда, ҳамчун вазир дар амал таҷриба кард ва рисолаҳо навишт, Ибни Сино буд.

Муаллиф менависад, ки Ибни Сино масоили таносуби «ҷомеа-инсон»-ро таҳлил намуда, ба хулосаи комилан диалектикӣ расидааст: «Чунонки ҷамъият бе низоми кулии корӣ барои тарафайн судбахш ва иттиҳоди фардҳои алоҳидаи одамон дар ҷомеаи ягона имконпазир нест, ҳамчунин зиндагии одамони алоҳида бе ҳамкорӣ ба ёрии тарафайн аз имкон берун мебошад.

Муҳаққиқ фарқи байни Ибни Сино ва Абунасри Форобӣ дар илмҳои амалӣ муайян намуда, таъкид менамояд, ки Ибни Сино мадинаи фозилае, ки Абунасри Форобӣ дар ҳаёт тасвираш намудааст, тасаввур карда наметавонад, балки мадинаи воқеъиро пешниҳод менамояд, ки дар асоси қонунхое, ки барои такомули инсон ва беҳтар намудани муносибати байниҳамдигарии онҳо зарур аст ва тобеъ будан ба ибодат ва амалӣ гардонидан ва масъул будан ба ҳамаи қонунҳои мувazzафгардидаи мадинаи одила мебошад, раъйи худро пешниҳод мекунад.

**Боби III. “Аҳаммияти илмӣ ва методологии таснифоти илм дар фалсафаи машшоияи шарқӣ бар ташаккули фалсафаи асримиёнагии тоҷик”- аз 3 зербоб иборат мебошад.**

**Дар зербоби 1. “Муносибати Абуҳомид Ғаззолӣ ба назарияи таснифоти илм”-** муаллиф менависад, ки тафаккур дар ҷаҳони Ислом аз масири содаи динии он, то ба марҳилаи рушд ва тавсеа аз ду роҳ ташаккул ёфт. Яке аз роҳи ақл ва дигаре аз роҳи нақл. Албатта, ғайри ин ду омил омилҳои дигаре низ дар ин раванд таъсир гузоштаанд. Онҳое, ки пояро ақл қарор додаанд, нақл барояшон дар ҳошия буд ва баракс касоне нақлро поя қарор доданд, ақл барои онон дар ҳошия буд.

Бояд таваҷҷуҳ дошт, ки дар ҳошияи баҳсҳои мутакаллимон ва машшоиён, тасаввуф ҳам қудрат ёфт, ки роҳи маърифатии он мутафовит аз дигарон буд ва он пайравон ва ҳимоятгарони худро дошт ва ба тадриҷ неруманд мешуд. Абуҳомид Муҳаммад Ғаззолӣ яке аз мунаққидони мактаби машшоии шарқӣ буд, ки бо китоби «Эҳё улум ад-дин» тавонист дар таснифи улуми динӣ- нақлӣ бо тафаккури фалсафию ахлоқӣ ва ирфонӣ улуми замонаи худашро бори дигар табақабандӣ намояд.

Ба ақидаи диссертант тамоми илмҳое, ки дар табақабандии Муҳаммад Ғаззолӣ ҷузъи илми «фарзи кифоят» маҳсуб мегарданд, ба ду даста-шаръӣ ва ғайришаръӣ тақсим шудаанд. Ин табақабандии илмҳо ба ду гурӯҳ, яъне шаръӣ ва ғайри шаръӣ ихтирои Муҳаммад Ғаззолӣ набуда, тақсими пешиниён ва ривоҷёфтае дар байни илмҳои ҷаҳони Ислом буд. Ҳангоми тақсимбандии илмҳо дар қарни дувуми ҳиҷрӣ ба ду дастаи мустақил, ҳам мавқеи улуми шаръӣ аз қабили илмҳои қуръонӣ, ҳадис ва фиқҳро, ки бо пайдоиши Ислом инкишоф ёфта буданд ва инчунин илмҳоеро, ки дар фарҳанги пеш аз исломӣ, чун шеъру адабу таърих ҷой доштанд ва фалсафаву шохаҳои онро, ки аз забони юнонӣ ва суриёӣ ба арабӣ тарҷума гардида буданд, мадди назар гирифтаанд.

Муҳаққиқ хулоса менамояд, ки меъёри таснифи улум дар тақсимбандии Муҳаммад Ғаззолӣ воқеияти ҳастӣ мисли машшоиён набуда, балки дар асоси фармудаҳои ислом ва ахлоқи амалии инсон мебошад. Албатта, ин ба таъсири Ислом мебошад, ки бештари мусалмонҳо такя ба нақл карда, дар масири аҳли ҳадис ва мазҳаби ашъарӣ рафтанд ва ақлияти онҳо, бахусус донишмандон, дар масири ақл ва эътизол дар омезиш бо нақл назарияпардозӣ кардаанд.

**Зербоби 2. “Таъсири назариявии таснифоти илмии машшоияи шарқӣ ба рушди таълимоти таснифи илм дар таърихи фалсафаи тоҷик”**- ба ақидаи муаллифи рисола масъалаи табақабандии улум дар тамаддуни исломӣ ба дунболи нақли улуми ақлӣ ва мантиқӣ аз Юнон ба олами Ислом мавриди таваҷҷуҳи донишмандони асри миёна воқеъ шуд. Дар мантиқи

суварие (шаклие), ки мероси Юнон аст, нахуст масъалаи маърифат ва ҳудуди он мавриди баҳс қарор мегирад ва сипас табақабандии масоил ва қазоё ва тасаввуроту тасдиқот ва билохира қиёсҳо тақсимбандӣ сурат мегирад, ки ба таври куллӣ бо таваҷҷуҳ ба мафоҳими куллӣ навъе аз тақсимбандии улуми башарӣ ба ҳикмати амалӣ ва назарӣ воқеъ мешавад.

Ба ақидаи муҳаққиқ илмҳоро Ибни Халдун ба таври куллӣ ба улуми ақлӣ ва нақлӣ тақсим кардааст. Донишҳое, ки барои инсон табиӣ аст, ки ба ёрии андешаи худ бад-онҳо роҳбарӣ мешавад, донишҳои ақлианд. Гунаи дигаре нақлӣ аст, ки онҳоро аз касоне, ки вазъ кардаанд, фаро мегирад. Гунаи нухустин иборат аз донишҳои ҳикмат ва масоили фалсафие аст, ки инсон метавонад бар ҳасби табиати андешаи худ бад-онҳо пай барад ва бо ёрии машоири башарии хеш ба мавзӯот ва масоил ва ақсоми бароҳин ва роҳҳои (вуҷӯҳи) таълими онҳоро роҳбарӣ шавад ва ӯро ба роҳи савоб аз хато дар масоил барангезад.

Диссертант хулоса менамояд, ки чи тавре ки дар боло табақабандии Ибни Халдун баррасӣ гардид, аз нуқтаи назари мавзӯъ ва тартиб бо дигар табақабандиҳо фарқ дорад. Ибни Халдун илмҳоро бинобар зарурат доштани ҷомеа, ки дар ҷомеаи исломӣ шариат мақоми болоро дорад, табақабандии худро аз он шурӯъ мекунад, зеро умури шариат бештар умури амалӣ мебошанд. Сипас ба улуми ақлӣ мепардозад, ки хусусияти фардӣ доранд.

**Дар зербоби 3 боби охирон “Таснифоти илм ҳамчун омили асосии навгониҳои илмӣ дар фалсафаи асримиёнаи тоҷик”-** муаллиф қайд менамояд, ки фаҳмиши илм дар Ислом ва махсусан дар 200-300 соли оғози ислом ин будааст, ки файласуфон ва мутакаллимон таърифҳои гуногун иброз кардаанд. Масалан, мутакаллимон гӯянд, ки илм иборат аз сифатест, ки муҷиби тамйизи ашё аз якдигар мешавад, ва илми Воҷибулвуҷуд иборат аз сифати азалият аст, ки тааллуқ бо он муҷиби кашфи ҳақоиқ аст.

Ба ақидаи диссертант аз назари мутафаккирони асри миёна ҳар илмеро мавзӯъ, масоил ва мабодие аст. Мавзӯи ҳар илм он аст, ки баҳс аз аворизи зоти он илм кунад. Камоли инсон маърифат ба аъёни мавҷудот аз

тасаввурот аст ва тасдиқ ба аҳволи аъёни мавҷудот ба қадри тоқати башарӣ аст. Агар ин таърифи илмро ба таърифи имрӯзаи илм муқоиса кунем, ошкор мешавад, ки хеле наздикӣ ва умумият дар ин таърифҳои асримиёнагӣ дида мешавад.

Муҳаққиқ хулоса менамояд, ки афкори илмию фалсафии асрҳои миёнаи Шарқ ба таври умуми ба гуфтаи Акбар Турсунов як давраи Ренессанси Аҷам махсус ҳамчун зинаи қонунӣ ва зарурии таърихи фарҳангии башарият барои ривоҷу равнақи ояндаи тамаддун заминаи мустаҳкамро фароҳам овардааст.

Ин мухтасар аз он дастовардҳои муслимин дар улуми мухталиф буданд, ки муқадимае барои муайян кардани таснифи илмҳо дар аҳли Ислом ва махсусан дар замони Абунасри Форобӣ ва Ибни Сино мебошад.

Қайд намудан ҷоиз аст, ки мақсад ва вазифаҳои дар назди рисола гузошташуда бомувафакият ҳал карда шудааст. Тартибу низоми рисола ба талаботи илмӣ мутобик буда, матни он бо забони шевои илмӣ-фалсафӣ ва адабии точикӣ ифода ёфтааст.

Автореферат ва корҳои нашршудаи муаллиф мӯҳтавои асосии рисоларо инъикос мекунад.

Дар рисола баъзе камбудиҳо ба назар мерасанд, ва ишораҳои зеринро ҳамчун пешниҳод қабул намоянд:

1. Саҳифаи бобҳо ва зербобҳои матни диссертатсия бо мундариҷа мувофиқат намекунад.

2. Матни диссертатсия таҳрири ҷиддиро талаб менамояд.

3. Дар матн мафҳумҳои “Илмҳои инсонӣ” ва “Илмҳои табии” истифода гардидааст, ки фарқияти онҳо шарҳи худро надорад. ( саҳ. 46)

4. Дар рисола бо баъзе аз хатоҳои техникӣ дучор меоем, ки ба мазмун ва мӯҳтавои таҳқиқот асаре надорад.

Камбудиҳои ишорагашта арзиши илмии рисоларо паст намекунанд.

Умуман, рисолаи Ниёзӣ Ёрмаҳмад Бобо дар мавзӯи «Таснифоти илм дар фалсафаи машшоияи шарқӣ ва таъсири он дар таснифоти муосири илм» ба талаботхое, ки дар Қарори Ҳукумати Ҷумхурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016 оид ба додани дараҷаи илмии номзадӣ ва доктори илм тасдиқ карда шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он сазовори дараҷаи илмии доктори илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.03-таърихи фалсафа мебошад.

Доктори илмхои фалсафа, профессори
кафедраи умумидонишгоҳии
фалсафаи МДТ "ДДХ ба номи
академик Б.Ғафуров"
ш. Хуҷанд, хиёбони Мавлонбеков 1
Телефони мобилӣ: 92-773-21-23 Атоев А. М.
15. 09. 2020

Имзои доктори илмҳои фалсафа,
профессор Атоевро тасдиқ менамоям
Сардори Шӯъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси
МДТ "ДДХ ба номи академи Б.Ғафуров" Ашрапова З.Н.